# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ДИРЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Душанбе – 2023

Бо қарори шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз 30.11.2023, №11/10 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон: Намоззода Ҷамшед** – ректори ДҶТИБКСМ

**Наҷмиддинниён Абдусаттор** – муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ

**Исфандиёр Раҳматшоев** – мудири кафедраи кафедраи Иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ

**Муқарризон: Т. Турдиев – мутахассиси Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Ҳакимова Б.Р. - Ходими калони Раёсати ташхис ва тақризи адабиётҳои таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ**

**Муҳаррир: Дадобоев Рауфҷон** – муовини директор оид ба корҳои таълимӣ-методии ФДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд

Барномаи мазкур бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами дохилӣ ва хориҷии дар бахши такмили ихтисоси роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ба даст омада, дастовард ва таҳқиқоту хулосаҳои мутахассисони соҳа барои се сол таҳия карда шуда, барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ пешбинӣ гардидааст.

## Пешгуфтор

Барномаи таълимии мазкур барои курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (с.2013), Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Низомнома ва Оинномаи ДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, таҳкиқоту дастовардҳои шарикони рушд ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ҳаҷми 90 соат таҳия карда шудааст.

Мақсади асосии барнома баланд намудани маҳорати касбии директорони МТУ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нав дар соҳаи идоракунӣ мебошад. Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои идоракунии нави корпоративӣ такя намуда, усулҳои идоракунии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни идоракунӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба директорон имконият медиҳад, ки дар кори худ ин ё он усулро интихоб намуда, равиши идоракуниро мукаммал намоянд.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим -** мақсадҳои мушаххаси таълимие, ки барои ҳосил шудани салоҳиятҳои касбӣ ва шахсӣ равона шудаанд.

2. **Мавзуъ ва мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷаи онҳо, ки тавассути азхуд кардани онҳо ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд.

3. **Фаъолияти таълим -** аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути онҳо мавзуъ ва мундариҷаи он таҳлилу баррасӣ шуда, азхуд карда мешаванд, иборат аст.

Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

**Талаботи барнома**

Шунавандагони курси такмили ихтисоси директорон бояд дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятҳои зеринро соҳиб гарданд:

- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаро донанд ва онҳоро оид ба такмили кору идоракунии пурсамар истифода бурда тавонанд;

– сиёсати давлатро дар соҳаи маориф шарҳ дода, фаъолияти таълимро дар асоси он ба роҳ монанд;

– навгониҳои соҳаи педагогика ва психологияро донанд ва амалан татбиқ намоянд;

– роҳҳои тақвияти салоҳиятҳои омӯзгоронро донанд ва фазои мусоиди корироро ташкил карда тавонанд;

– доир ба зуҳуроти номатлуби ҷомеа “Коррупсия” маълумот гирифта, дар фаъолияти кории худ истифода намоянд;

– мақсад ва мазмуни стандарти давлатии таълими фаннҳоро шарҳ дода, дар асоси он барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва дарсиро таҳия, ташхис ва таҳлил карда тавонанд;

– усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивиро донанд, муносибату воситаҳои онро дар амал татбиқ кунанд;

– ҳангоми арзёбии фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон аз усулу воситаҳои гуногуни арзёбӣ истифода баранд;

– мавзӯъҳои ҳар як фанро бо масъалаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда тавонанд ва ба омӯзгорон дар ин хусус маслиҳат дода тавонанд;

– муносибати босалоҳият дар таълим ва роҳу усулҳои татбиқи онро донанд.

Талаботи мазкур тавассути тести (санҷиши) ҷамъбастӣ

арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба барномаи мазкур ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ирсол намоянд.

## НАҚШАИ
### таълимии курси такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соат | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҳамагӣ** | **Назари-явӣ** | **Амалӣ** |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ | **90** | **36** | **54** |
| 2. | Менеҷменти сиёсӣ | 2 | 2 | - |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | 4 | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 2 | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | 4 | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | 2 | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **108** | **44** | **64** |

**Нақшаи**
**тақвимии курси такмили ихтисоси**
**директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Назариявӣ | Амалӣ |
| 1. | **Мактабшиносӣ (тахассус)** | **90** | **32** | **58** |
| 1.1. | Принсипҳои мураттабсозии Нақшаи солонаи муассисаи таълимӣ. Зарурияти нақшаи стратегӣ ва талаботҳо оид ба таҳияи нақша | **6** | **2** | **4** |
| 1.2. | Оинномаи муассисаи таълимӣ | **2** | **1** | **1** |
| 1.3. | Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» | **6** | **2** | **4** |
| 1.4. | Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **4** | **1** | **3** |
| 1.5. | Мақомоти худидорӣ. Самарабахш гузаронидани Шурои омӯзгорӣ, методӣ ва дигар ҷаласаҳо | **4** | **2** | **2** |
| 1.6. | Роҳҳои татбиқи барномаҳои давлатӣ, стратегия ва қарорҳои ба соҳа алоқаманд | **4** | **2** | **2** |
| 1.7 | Нақши сарвари муассиса дар амалӣ сохтани мониторинги сифати таълим | **4** | **2** | **2** |
| 1.8 | Истифодаи усулҳои инноватсионии таълими хонишҳои буррову равон ва бошуурона дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ. Роҳҳои ташкили бунёди муҳити омӯзиш | **4** | **1** | **3** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.9 | Аттестатсияи кормандони педагогӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда | **4** | **1** | **3** |
| 1.10 | Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» | **4** | **1** | **3** |
| 1.11 | Роҳу воситаҳои ҷалби падару модарон ва ҷомеа ба ҷараёни таълиму тарбия | **2** | **1** | **1** |
| 1.12 | Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон | **2** | **1** | **1** |
| 1.13 | Муносибати босалоҳият дар таълим ва ҷанбаҳои асосии татбиқи он. | **6** | **2** | **4** |
| 1.14 | Кори амалӣ дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ | 6 | 1 | 5 |
| 1.15 | Нақшаи мушоҳидаи дарс ва таҳлили он | **4** | **2** | **2** |
| 1.16 | Истифодаи технологияи таълими фаъол дар раванди таълим | **4** | **1** | **3** |
| 1.17 | Назорати дохилимуассисавӣ ва мақоми он дар идораи таълиму тарбия | **2** | **1** | **1** |
| 1.18 | Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ.Заминаҳои ба вуҷуд омадани коррупсия. Савдои одамон. | **4** | **2** | **2** |
| 1.19 | Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ ва терроризму экстремизм | **4** | **2** | **2** |
| 1.20 | Арзёбӣ дар системаи таҳсилот ва намудҳои он | **4** | **1** | **3** |
| 1.21 | Арзёбии миллӣ ва арзёбии барномаҳои байналмилалӣ | **2** | **1** | **1** |
| 1.22 | Истифодаи самараноки ТИК дар раванди таълим | **2** | **-** | **2** |
| 1.23 | Ташхис, таҳлил, баҳогузорӣ ва арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон | **4** | **1** | **3** |
| 1.24 | Нақши директор дар ҷалби хонандагони талаботи махсусдошта ба муассисаи таълимӣ. Махсусиятҳои муносибат бо кӯдакони имконияти | 2 | 1 | 1 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | маҳдуддошта. Таҳсилоти фарогир | | | |
| **2.** | **Менеҷменти молиявӣ** | **18** | **6** | **12** |
| 2.1 | Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар муассисаи таълимӣ | 6 | 2 | 4 |
| 2.2. | Банақшагирии даромади мактаб | 6 | 2 | 4 |
| 2.3. | Самтҳои асосии такмили низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ | 6 | 2 | 4 |
| 3. | **Мавзуъҳои иловагии алтернативӣ** | | | |
| 3.1. | Вазифаҳои асосии иттиҳодияҳои методӣ дар муассисаи таълимӣ | 4 | 2 | 2 |
| 3.2. | Роҳбаладӣ. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти роҳбарии директори муассисаи таълимӣ | 4 | 2 | 2 |
| 3.3. | Хусусиятҳои фаъолияти мактабҳои камнуфус | 2 | 1 | 1 |
| 3.4. | Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | 4 | 1 | 3 |
| 3.5. | Шаклҳои асосии сарварӣ. Стратегияи рушди муассисаи типпи нав (литсей ва гимназияҳо); | 2 | - | 2 |
| 3.6 | Нақши сарвари муассисаи таълимӣ дар ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ (такмили малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ ва дигар чорабиниҳо дар ҳамкорӣ бо китобдор, омӯзгор ва волидон). | 4 | 2 | 2 |
| 3.7 | Фаъолияти мунтазами хадамоти методии муассисаи таълимӣ | 4 | 1 | 3 |
| 3.8 | Омӯзишу таҳлили фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ оид ба омӯзиш, тарғиб ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ | 4 | 1 | 3 |
| 3.9 | Назорати фаъолияти омӯзгорону китобдорони муассиса ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти директор | 2 | 1 | 1 |
| | | 30 | 11 | 19 |

**Эзоҳ:** Шунавандагон метавонанд аз нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.

## 1. Мактабшиносӣ (тахассус 72 соат)

**Мавзуи 1.1 (4 соат). Принсипҳои мураттабсозии Нақшаи солонаи муассисаи таълимӣ. Зарурияти нақшаи стратегӣ ва талаботҳо оид ба таҳияи нақша.**

Таҳияи нақшаҳои инкишоф ва иҷрои тадбирҳои ба ҳам алоқаманд. Банақшагирӣ – таҳияи нақша, ташкил ва назорати иҷрои он. Тартиб додани нақшаи дурнамо ва солонаи муассиса. Таҳияи нақшаи солонаи муассиса. Кор бо кадрҳои педагогӣ. Ҳолати тадриси хонандагон. Корҳои тарбиявӣ дар муассиса. Давомнокии иштироки хонандагон ба дарсҳо. Риояи ҳуқуқ ва иҷрои вазифаҳои хонандагони мувофиқи талаботҳои Оинномаи муассиса. Кор бо волидон. Масъалаҳои ташкили оид ба амалӣ шудани ҳуқуқҳои кӯдак барои гирифтани таҳсилоти бепули умумӣ. Фаъолияти идоракунии роҳбарияти мактаб. Таҳияи нақша – лоиҳа. Ташкили гурӯҳи корӣ. Ба тартиб овардани мазмуни ҳуҷҷатҳои гурӯҳи корӣ. Таҳрир ва муҳокимаю тасдиқи нақша дар Шӯрои педагогӣ. Нақшаи солонаи мактаб ҳуҷҷати муҳим ва дурнамои мактаб. Зарурияти таҳияи нақшаи стратегӣ. Талаботҳо оид ба таҳияи нақшаи стратегӣ. Муқоиса намудани иттилооти ҷамъоварда бо миссияи муассисаи худ. Гузаронидани таҳқиқот. Ҷобаҷогузории эҳтиёҷот аз рӯи афзалият. Муайян кардани роҳҳо барои ҳалли онҳо. Ташкил кардани стратегия. Банақшагирии стратегӣ раванди тавсифи ҳадафҳо. Миссияи таълимгоҳ ва нақшаҳои он.

**Мавзуи 1.2 (2 соат). Оинномаи муассисаи таълимӣ**

Оинномаи муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ-ҳуҷҷати муҳими муассисӣ. Тартиби ташкил ва ваколатҳои Оиннома. Мавқею мақоми оиннома дар фаъолияти муассисаи таълимӣ. Оиннома маҷмӯи низому қоидаҳо. Оиннома асноди меъёрию ҳуқуқии муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ. Тасдиқи Оинномаи муассисаи таълимӣ. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият. Мақсади раванди таълим, навъ ва шакли барномаҳои татбиқшавандаи таълимӣ. Тавсифи асосии ташкили раванди таълим аз ҷумла забони таълим, тартиби қабул ва хориҷ намудани хонандагон, муҳлати таҳсил, тартиби гузаронидани санҷишу имтиҳонҳо, реҷаи кори муассисаи таълимӣ, хизматрасонии пулакии таълим ва тартиби пешниҳоди он. Тартиби ба расмият даровардани муносибатҳои муассисаи таълимӣ ва хонандагон ё падару модари (шахсе ки онҳоро иваз мекунад) онҳо. Сохтори фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии муассисаи таълимӣ аз ҷумла: тартиби истифодаи объектҳои моликият, ки аз ҷониби муассис ба муассисаи таълимӣ вобаста карда шудаанд. Манбаъҳои маблағгузорӣ ва таъминоти моддию техникии муассиса, ташаккули моликияти муассисаи таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла хусусӣ, навъҳои фаъолияти соҳибкории муассис ва фаъолияти пулакии муассисаи таълимӣ. Тартиби идоракунии муассисаи таълимӣ, аз ҷумла: салоҳияти муассис, тартиби ташкили мақомоти идоракунии муассисаи таълимӣ, тартиби қабул, ҷобаҷогузории кормандони муассиса ва шартҳои пардохти музди меҳнати онҳо, тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи муассиса, тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Ҳуқуқ ва вазифаҳои иштирокчиёни раванди таълим. Феҳристи санадҳои дохилӣ, ки фаъолияти муассисаи таълимиро ба танзим медароранд.

**Мавзуи 1.3 (4 соат). Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо»**

Зарурияти қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд».

Муносибатҳое, ки Қонуни мазкур танзим менамояд. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мафҳумҳои асосӣ. Вазифаи падару модар, давлат ва ҷомеа дар таълиму тарбияи фарзанд. Баробарии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар. Ҳуқуқҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. Мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва чашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Мақоми ваколатдор оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Комиссияҳои доимии маҳаллӣ. Салоҳияти Мақоми ваколатдор ва комиссияҳои доимии маҳаллӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. Танзими чашну маросимҳои расмӣ ва оилавӣ. Ҷашнҳои расмӣ. Маросими ҳаҷ. Ҷои баргузории чашну маросимҳо. Танзими хизматрасонӣ дар ҷашну маросимҳо.

**Мавзуи 1.4 (2 соат). Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибати босалоҳият дар таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он**

Зарурати гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ. Созишномаи ҳамкорӣ оид ба ташкили фазои ягонаи таҳсилоти Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Низомномаи Шӯрои ҳамкории ин давлатҳо. Зарурати таҷдиди назар намудани муносибат ба таълим. Қабул ба синфи якум. Ба зинаи дуюм. Зинаи сеюм. Бандҳои Консепсияи мазкур.

Нақши таҳсилот дар рушди ҷомеа. Талаботи нави иҷтимоӣ ба низоми нави таҳсилот.

Таъминоти кадрӣ ва дастгирии онҳо аз тарафи давлат ва ҷомеа. Баланд бардоштани мақоми кормандони педагогӣ. Дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии кормандони педагогӣ ва идораи соҳаи маориф. Тақвияти самти иҷтимоии таҳсилот. Дастгирии ҳамаҷонибаи муассисаҳои таълимии деҳот. Таъмини мустақилияти иқтисодии муассисаҳои таълимӣ. Баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ, дастгирии давлатӣ ва сатҳи касбии кормандони соҳаи маориф. Амалӣ гардидани Консепсия ва натиҷаи он дар рушди кишвар.

Талаботи меъёрҳои байналмиллалии таҳсилот. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар. Зарурати гузаштан ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумии 12-сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Масъалаҳои назариявию амалии муносибати босалоҳият дар таълим. Мафҳуми салоҳият ва марҳилаҳои пайдоиш, таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими анъанавӣ ва салоҳиятнокӣ, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, дастовард ва мушкилот. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ- кабинетӣ.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим.

**Мавзуи 1.5 (4 соат). Мақомоти худидорӣ; Самарабахш гузаронидани шӯрои омӯзгорӣ, методӣ ва дигар ҷаласаҳо**

Мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои муассисаҳои таълимии давлатӣ, шӯроҳои педагогӣ, илмӣ, илмию методӣ, директорон, созмонҳои талабагӣ, кумитаҳои парасторон, мушоҳидон, падару модар ва ғайра. Самарабахшии ҷаласаҳои корӣ аз ҷиҳати илмӣ, педагогӣ ва психологӣ.

Дуруст ташкил кардан, омода намудани масъалаҳо ва аз тарафи кӣ ва чӣ тавр гузаронидани он. Ҷаласаҳои корӣ чист? Ҷаласаи корӣ – қабул намудани қарори ягона барои самарабахши фаъолияти коллективи таълимгоҳ. Нишонаҳои муҳими ҷаласаҳои корӣ.

**Мавзуи 1.6 (4 соат) Роҳҳои татбиқи барномаҳои давлатӣ, стратегия ва қарорҳои ба соҳа алоқаманд**

Барномаҳои давлатии ҶТ (таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ, рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ, рушди муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии хусусӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ҶТ, рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии ҶТ, амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҶТ, нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон дар ҶТ, тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ, оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар ҶТ, Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва протоколҳои иловагӣ ба он, барномаи миллӣ оид ба барҳамдиҳии шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон дар ҶТ. Стратегияҳои миллии ҶТ (оид ба муқовимат ба экстримизм ва терроризм, мубориза бар зидди маводи мухаддир, муқовимат ба коррупсия ва ғайра).

Ташкили ҷувздони алоҳида ҷиҳати амалишавии барномаҳои давлатӣ, стратегия ва ҷо ба ҷо гузории ҳуҷҷатҳои лозимӣ (нақша чорабинии муассиса, фармоиши директор оид ба тасдиқи он, маълумотнома ва қарорҳои дахлдор, тадбирҳои андешидашудаи муассиса). Омода намудани ҳисоботи солонаи барномаҳои алоқаманди соҳа. Пешниҳоди дархост ба муассис. Бақайдгирии қарорҳои алоқаманди соҳа. Вобаста намудан ба шахсони масъул. Дар давраҳои муайян баррасӣ дар Шӯрои омӯзгорӣ ва маҷлисҳои назоратӣ.

**Мавзуи 1.7 (4 соат). Нақши сарвари муассиса дар амалӣ сохтани мониторинги сифати таълим.**

Мониторинг – назорати муташакилонаи махсус. Мониторинг ҳамчун таъмини сифати таълиму тарбия.

Қисматҳои мониторинги сифати таълим дар соҳаи маориф. Мониторинги ҷумҳуриявӣ (Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) Мониторинги вилоятӣ (Раёсати маорифи вилоят). Мониторинги ноҳиявӣ (шуъбаи маорифи ноҳия, шаҳр) Мониторинги дохилимуассисавӣ. Зинаҳои мониторинги педагогии дохили муассисавӣ.

**Мавзуи 1.8 (4 соат). Истифодаи усулҳои инноватсионии таълими хонишҳои буррову равон ва бошуурона дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ. Роҳҳои ташкили бунёди муҳити омӯзиш.**

Усулҳои инноватсионии таълими хонишҳои буррову равон ва бошуурона дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ- Чиро, кай ва чи тавр таълим бояд дод. Усулҳои инноватсионии хониши намунавии омӯзгор. Хонишҳои такрорӣ, дунафара, гурӯҳӣ, калонсол ба хурдсол, якҷоя, баробари матни сабтшуда, нақшофарӣ. Таълими фикрронии сатҳи баланд. Стратегияҳои хониш ва фикрронӣ. Нақл ва хелҳои он. Истифодаи воситаҳои графикӣ. Бунёди муҳити омӯзиш. Унсурҳои муҳити омӯзиш (таҳсилоти фарогир, стратегияи тафриқа, идоракунии синф, муносибати мусбат, ҷалбкунии хонандагон ба дарс).

**Мавзуи 1.9 (2 соат). Аттестатсияи кормандони педагогӣ ва кадрҳои роҳбарикунанда**

Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.06.2017, №281). Мақсад ва вазифаҳои аттестатсия ва механизми гузаронидани он.

Тасдиқи Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.06.2017, №281). Принсипҳои асосии аттестатсия. Мақсади аттестатсия. Тартиби омодагӣ ва гузаронидани аттестатсия. Меъёри баҳодиҳӣ. Барои тахассуси дараҷаи олӣ. Барои тахассуси дараҷаи якум. Барои тахассуси дараҷаи дуюм. Хулосаи комиссияи аттестатсионӣ.

Чорабиниҳои муассисаи таълимӣ барои ташкил ва гузаронидани аттестатсия. Таҳияи ҷадвали гузаронидани аттестатсия. Тартиб додани руйхати аттестатсияшавандагон. Тайёр кардани ҳуҷҷатҳои аттестатсияшавандагон. Таҳияи саволҳо барои аттестатсияшавандагон. Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзгор. Анкета. Тавсифнома. Протоколи №__ маҷлиси комиссияи аттестатсионӣ. Шаҳодатномаи № Варақаи аттестатсионӣ. Фармони директори муассиса.

**Мавзуи 1.10. (4 соат). Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф. Вазифаҳои Қонуни мазкур. Кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил. Забони таҳсил. Стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохтори низоми маориф. Муассисаи таълимӣ, сохтор ва намудҳои он. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ. Тартиби бақайдгирӣ ва фаъолияти муассисаи таълимӣ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ. Оинномаи муассисаи таълимӣ. Таълиму тарбияи томактабӣ. Таҳсилоти умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ. Таҳсилоти миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот. Бо кор таъмин намудани хатмкардагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ. Ташкили раванди таълиму тарбия. Мақсад ва шаклҳои танзими давлатӣ дар соҳаи маориф. Идоракунии сифати таҳсилот. Назорати давлатӣ дар соҳаи маориф. Иҷозатномадиҳӣ барои пешбурди фаъолияти таълимӣ. Баҳогузории маҷмӯӣ ба фаъолият, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатии муассисаи таълимӣ.

Мақомоти давлатии идоракунии соҳаи маориф. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф. Ваколатҳои вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии маориф. Ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот. Вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ. Идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ. Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Асосҳои илмӣ ва таъминоти илмии соҳаи маориф. Субъектҳои раванди таълиму тарбия. Ҳуқуқҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия. Стипендия ва дигар пардохтҳои пулӣ. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар соҳаи маориф. Мазмуни мақоми омӯзгор. Фаъолияти омӯзгорӣ. Усулҳои фаъолияти омӯзгорӣ. Ҳуқуқҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ӯҳдадориҳо ва масъулияти омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор. Имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф. Таъминоти моддии омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф.

**Мавзуи 1.11 (2 соат). Роҳу воситаҳои ҷалби падару модарон ва ҷомеа ба ҷараёни таълиму тарбия.**

Ташкили комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба амалигардонии Қонуни ҷумҳурии тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълимӣ. Ташкили кумитаи падару модарон ва интихоби раиси кумита. Ташкили ҷамъомади падару модарон. Таҳияи низомнома ва нақшаи кории кумитаи падару модарон. Ҳамкории кумитаи падару модарон бо ҷомеъа, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, фаъолани маҳал ва муассисаи таълимӣ.

**Мавзуи 1.12. (2 соат). Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақоми роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар риояю омӯзиш ва корбасти он дар фаъолияти амалӣ. Дар коргузорӣ ва дар амал истифода кардани Кодекси меҳнат. «Муносибатҳое, ки қонунгузории меҳнат танзим менамояд». Манбаъхои танзимкунандаи муносибатхои меҳнатӣ ва муносибатҳои ба онҳо вобаста Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси мазкур. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати ҶТ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ. Санадҳо-созишномаҳо: Созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ (вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ). Шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии дохили оид ба меҳнат (қоидаҳои дохилии меҳнат, ҷадвали рухсатиҳо, инчунин фармоишҳо, нишондодҳо ва дигар санадҳое, ки роҳбари ташкилот дар доираи салоҳияти худ мебарорад). Санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, ки ҶТ эътироф кардааст.

Оид ба интизоми меҳнат. Тартиботи меҳнатӣ дар ташкилот бо қоидаҳои тартиботи дохилӣ. Ҳавасмандгардонии кормандон.

**Мавзуи 1.13 (6 соат). Мавзуи 1.9 (6 соат). Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он**

Масъалаҳои назариявию амалии таълими салоҳиятнокӣ. Мафҳуми таълими салоҳиятнок, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими анъанвӣ ва салоҳиятнокӣ, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои таълими салоҳиятнок. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо

ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои фарққунандаи таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Кор бо стандартҳои фаннии зинаи 2 ва 3 - и таҳсилот, маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳида ва консепсияи ташаккули салоҳиятҳо. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ.

**Мавзуи 1.14. Кори амалӣ дар муассисаҳои таълимии такягоҳӣ**

Иштирок дар дарсҳои омӯзгорони муассисаи такягоҳӣ ва таҳлилу баррасии дарсҳои мушоҳидашуда. Шиносои бо ҳуҷҷатгузории директорон ва муовинони директор, табодули таҷрибаи ҳамдигарӣ дар соҳаи мактабшиносӣ. Хулосаю тавсияҳо.

**Мавзуи 1.15 (4 соат). Нақшаи мушоҳидаи дарс ва таҳлили он.**

Нақшаи дарс**.** Мақсади умумӣ ва муайяни дарс. Таҷриба ва фаъолиятҳои таълим. Нақши омӯзгор дар вақти таълими мавзӯъ. Дарс ва таҳлил ҷузъи асосии назорати дохилимуассисавӣ. Мақсади иштирок ба дарс.

Омӯзиши ҳолати таълим**.** Омӯзиш ва паҳн кардани таҷрибаи пешқадам. Назорати қисматҳои ҷудогонаи дарс. Ёрии методӣ. Мушоҳидаи таъмини ҷанбаи тарбиявии дарс. Омӯзиши фаъолияти омӯзгор барои аз аттестатсияи навбати гузаронидан. Фаъолияти омӯзгор тибқи муқаррароти Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 07.06.2017, №281 «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгорӣ ва илмии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Мушоҳидаи берун аз нақша. Назорати иҷрои барномаи таълимӣ. Назорати техникаи бехатарӣ аз ҷониби омӯзгор ва хонандагон (дар дарсҳои амалӣ).

**Мавзуи 1.16 (2 соат) Истифодаи технологияи таълими фаъол дар раванди таълим**

Маълумот оид ба таърихи усулҳои фаъол ва интерактивии таълим. Фарқияти усулҳои интерактивии таълим аз усулҳои анъанавӣ. Технологияи усулҳои таълим. Маҳфили ҳозирҷавобон, дарс-конференсия, ғайримуқаррарӣ, дарс-мубоҳиса. Дарёфти роҳу усулҳои фаъоли таълим, истифодаи васеъи техникаи муосир дар раванди таълим. Машғулияти амалӣ ба таври ғайрианъанавӣ бо истифодаи аёният, воситаҳои техникӣ, аз ҷумла, проектор ва тахтаи электронӣ, усулҳои фаъоли таълим-кластер, диаграммаи Венн ва ғайраҳо. Дарси амалӣ дар намуди мусобиқа, дар гурӯҳҳо, бо татбиқ намудани назария бо амалия, проблемагузорӣ бо таҷрибаҳои шавқовар, вобаста ба қобилияти ҳар як хонанда. Усулҳои фаъоли таълим: интерактивӣ, коммуникативӣ.

**Мавзуи 1.17 (4 соат). Назорати дохилимуассисавӣ ва мақоми он дар идораи таълиму тарбия**

Мафҳуми назорат. Мавқеи назорати дохилимуассисавӣ дар низоми идора ва ислоҳоти муассисаи таълимӣ. Назорати дохилимуассисавӣ –омӯзиш ва таҳлили ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ. Ҷиҳати муҳими назорати дохилимуассисавӣ. Қисмҳои назорати дохилимуассисавӣ. Иҷрои таълими асосии ҳатмӣ. Ҳолати таълими фанҳои таълимӣ ва сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон. Фаъолияти иттиҳодияҳои дохилимуассисавӣ ва умуман корҳои методӣ. Ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои таълимӣ, машғулиятҳои факултативӣ. Иҷрои барномаҳои таълимии давлатӣ. Рафти ҳуҷҷатнигории дар муассисаи таълимӣ, иҷрои қарорҳо, фармоишҳо ва супоришҳои мақомоти маориф. Корҳои беруназсинфӣ. Методхои назорат. Муайян намудани мақсади назорат. Омодашавӣ ба назорат. Амалӣ кардани назорат. Ҷамъбаст намудани маводҳои тафтиш. Уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбияи

фарзандро танзим мекунанд. Уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак.

**Мавзуи1.18. (4 соат). Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ. Савдои одамон.**

Коррупсия чист? Намудҳои амалҳои коррупсионӣ. Сабаб ва омилҳои мавҷудияти коррупсия. Ташаккули мафкураи зидди коррупсионӣ. Мубориза алайхи коррупсия вазифаи ҳамагон аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон».

**Мавзуи 1.19. (4 соат). Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ, терроризм ва экстремизм**

Шарҳу тавзеҳи вожаҳо. Омилҳои даст ба қонуншиканӣ ва ҷинояткорӣ задани шаҳрвандон. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ. Моҳияти иртиҷоӣ ва ифротгароии созмонҳо ва равияҳои тундраи исломӣ. Терроризм ва экстремизм-вабои аср. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба ин гурӯҳҳо. Роҳҳои муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб.

**1.20. (4. соат). Арзёбӣ дар системаи таҳсилот ва намудҳои он**

Арзёбӣ – раванди муайян кардани натиҷа ва дастовардҳои хонанда ва ё ба мақсади санҷидани мувофиқат вобаста ба талаботи меъёрҳои сифатии стандарт;

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот гурӯҳи корӣ таъсис дода аст. Консепсия мазкур ҳадафи Стратегияи миллии рушди маорифи (СМРМ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030-ро амалӣ намуда, имкониятҳои баробарии таълимро барои хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот фароҳам меоварад ва ба рушди қобилиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла ташаккули тафаккури мантиқию таҳлилӣ (интиқодӣ) мусоидат мекунад. Консепсия зарурати бознигарии амалияи арзёбиро дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар асоси таҷрибаҳои мавҷуда ва таҷрибаи беҳтарини

байналмилалӣ эътироф мекунад. Тибқи Консепсияи мазкур, арзёбӣ дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

1) **Арзёбии синфӣ;**
2) **Арзёбии мактабӣ;**
3) **Арзёбии миллӣ;**
4) **Арзёбии байналмилалӣ.**

## Мавзуи 1.21. (2 соат). Арзёбии миллӣ ва арзёбии барномаҳои байналмилалӣ

Арзёбии миллӣ ба мақсади натиҷагирии фаъолияти таълимӣ дар давраҳои муайян гузаронида шуда, ҷиҳати муқоисаи пешрафти таълимӣ, ояндабинии он (дастгирии методӣ, такмили ихтисос, омӯзиши кадрҳои педагогӣ, маводи иловагии таълимӣ) ва сиёсати давлатӣ дар соҳа (тағйирот ба стандартҳо, барномаҳои таълим, нақшаи таълим, китобҳои дарсӣ) таҳлил ва истифода карда мешаванд.

Кишварҳое, ки дар барномаҳои байналмилалии арзёбӣ иштирок мекунанд, зери назари созмонҳои байналмилалии масъул қарор доранд. Кишварҳои мазкур қоида ва муқаррароти арзёбии байналмилалии амалкунандаро риоя намуда, дар бораи натиҷаҳои боэътимоди он маълумот пайдо мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар барномаҳои гуногуни байналмилалӣ, аз ҷумла Барномаи байналмилалии арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон (PISA), омӯзиши тамоюлҳои фанҳои математикӣ ва табиӣ дар сатҳи байналмилалӣ (TIMSS) ва омӯзиши омилҳои пешрафти саводнокии хониш (PIRLS) алакай замина гузоштааст.

## Мавзуи 1.22.. (2 соат) Истифодаи самараноки ТИК дар раванди таълим

Яке аз салоҳиятҳои асосии омӯзгор ин самаранок истифода бурда тавонистани технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим мебошад. Аз ҷониби давлатҳои мутараққи даҳҳо техника ва технологияҳои нав ҷиҳати шавқовар ва

самаранок гардонидани раванди таълим кашф ва ба истифода дода шуда, раванди баргузории дарсҳо зина ба зина ба шакли электронӣ табдил ёфта истодааст. Истифода бурдани технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим дорои афзалиятҳои гуногун мебошанд, аз ҷумла:

- Дастрасии босуръат ба маълумотҳо;
- Дар муҳлати кӯтоҳ интиқол додани маълумотҳо;
- Имконияти бо чашм дидан;
- Ёрӣ расонидан дар баёни ҳодисаҳое, ки шифоҳӣ фаҳмонидан мушкил мебошад;
- Дар муайян намудани қобилияти фардии ҳар як хонанда ёрӣ мерасонад;
- Истифода аз бозиҳои таълимиро дар баёни мавзӯъҳо таъмин месозад;
- Имконияти дидан ва таҷриба карданро фароҳам оварда, фаромӯш кардани маълумотҳои гирифташударо кам менамояд;
- Имконияти аз шабакаи интернет истифода бурданро фароҳам месозад;
- Имконияти дар курсҳои таҳсилоти фосилавӣ фаро гирифтанро дорад;
- Дастрасӣ ба маълумотҳои умумиҷаҳонӣ таъмин месозад;
- Имконияти ташкили бонки маълумотҳоро дорост;
- Имконияти ҷамъоварии маълумот дар бораи хонандагонро фароҳам оварда, дар ҳолати зарурӣ дастрас карданро осон месозад.

**Мавзуи 1.23. (2 соат) Ташхис, таҳлил, баҳогузорӣ ва арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон**

Ташхис, таҳлил, баҳогузорӣ ва арзёбии сифати таҳсилот ва мавқеъи онҳо дар идораи фаъолияти муассисаи таълимӣ, пешгӯӣ ва дурнамои он. Вазифаҳои таҳлил ва ташхис. Асосҳои илмии таҳлил ва ташхис. Баҳодиҳӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар таълим. Меъёрҳои асосии баҳо. Муайян намудани меъёрҳои асосии баҳо. Баҳогузории анъанавӣ. Баҳо-меъёри муайянкунии сифати тайёрии хонанда. Низоми баҳогузорӣ. Низоми 5-баллаи анъанавӣ. Баҳо ва системаи баҳодиҳӣ. Баҳо нишондиҳандаи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон. Хусусиятҳои баҳо.

**Мавзуи 1.24 (2 соат). Нақши директор дар ҷалби хонандагони талаботи махсусдошта ба муассисаи таълимӣ. Махсусиятҳои муносибат бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта. Таҳсилоти фарогир**

Тафсири моддаи 25-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Иҷрои Конвенсияи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак. Манъи зуроварии ҷисмонӣ ба кӯдакон. Ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта. Ҳолати кӯдакони имконияти маҳдуддошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Роҳҳои ҷалби хонандагони талаботи махсусдошта ба муассисаи таълимӣ. Махсусиятҳои муносибат бо кӯдакони имконияти маҳдуддошта. Таҳсилоти фарогир чист? Монеаҳо барои фарогирӣ. Таҳсилоти фарогир ва нақши директор дар ҷалби хонандагони талаботи махсусдошта ба муассисаи таълимӣ. Маълумоти умумӣ оид ба таҳсилоти фарогир.

**2.Менеҷменти молиявӣ (18 соат)**

**Мавзуи 2.1 (6 соат). Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар муассисаи таълимӣ**

Моҳият ва мундариҷаи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот. Алоқа бо таснифоти буҷетӣ. Принсипҳои мураттаб сохтани сметаи ягонаи даромаду хароҷот. Аҳамияти смета. Тартиби сохтан ва тасдиқ кардани смета. Банақшагирии нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии фаъолияти муассисаи

таълимӣ. Пардохти музди меҳнат ва маблағи ҷудошудаи корфармо. Асосҳои муайян кардани музди меҳнат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Тартиб додани руйхати воҳидҳои ҳайати педагогӣ. Фонди солонаи пардохти музди меҳнат. Тартиб додани тарификатсияи педагогӣ. Пардохти музди иловагӣ. Пардохти музди меҳнати омӯзгорон. Пардохти музди меҳнати ҳамкорон. Пардохти музди меҳнати соатбай. Пардохти намунавии музди меҳнат ва дигар пардохту хароҷотҳо.

**Мавзуи 2.2 (6 соат). Банақшагирии даромади муассисаи таълимӣ**

Буҷети муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимӣ. Сарчашмаҳои маблағгузории муассисаи таълимӣ. Сарчашмаҳои иловагии маблағгузории муассисаи таълимӣ. Фандрайзинг. Шаффофият ва истифодаи маблағҳо. Маблағгузории сарикасӣ. Меъёри сарикасӣ. Мақсадҳои гузариш ба системаи маблағгузории меъёрӣ (нормативӣ). Тадбиқи механизми маблағгузории сарикасӣ. Зинаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба маблағгузории сарикасӣ.

**Мавзуи 2.3 (6 соат). Самтҳои асосии такмили низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

Алоқамандии ислоҳоти буҷетӣ ва маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Гузаштан ба нақшагирии миёнамуҳлат. Мақсади гузариш. Нишондодҳо. Раванди тайёрӣ. Тадбиқи маблағгузории сарикасӣ.

**3.Мавзуъҳои иловагӣ**

**Мавзуи 3.1 (4 соат). Вазифаҳои асосии иттиҳодияи методӣ дар муассисаи таълимӣ ва нақши он дар пешбурди фаъолияти таълимию тарбиявӣ**

Вазифаҳои хадамоти методӣ аз инҳо иборатанд. Нақшаи кори иттиҳодияҳои дохилимуассисавӣ. Маҳфилҳои фаннӣ. Дарсҳои иловагӣ. Корҳои инфиродӣ. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон. Ташкили табодули таҷриба ва худомӯзии омӯзгорон. Ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равишҳо

ва технологияи нави тадрис. Баррасии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрии соҳа бо омӯзгорон. Иҷрои барномаҳои таълимӣ. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ, даври аввали олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои касбӣ. Ташкил ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ. Такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа. Омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Таҳлили дониш ва маҳорати хонандагон. Фаъолияти кабинетҳои фаннӣ. Ташкили корҳои берун аз дарсӣ. Тавсияҳои методӣ.

**Мавзуи 3.2 (2 соат). Роҳбаладӣ (менторинг)**

**Роҳбалад** ва роҳбаладӣ этимология ва анъанаҳои он. Шакли анъанавии роҳбаладӣ. Шаклҳои маъмули роҳбаладӣ. Вобастагии шаклҳои роҳбаладӣ ба рушди муассисаи таълимӣ. Сатҳи шиносоии омӯзгорон бо методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти роҳбалад.

Роҳбаладӣ – интиқоли донишу таҷриба. Шакли табодули таҷриба – «Роҳбаладӣ дар ҷои кор». Ҳамкорӣ бо раёсат ва шуъбаҳои маориф, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзгорон. Ҳавасмандии омӯзгорон.

**Мавзуи 3.3 (2 соат). Хусусиятҳои фаъолияти мактабҳои камнуфус**

Вожаи калимаи «камнуфус». Натиҷаи таълим дар мактабхои камнуфус. Ташкили раванди таълим. Таркиб ё сохтори синфхо. Ҷадвали дарсҳо. Банақшагирии дарсҳо. Ташкили меҳнат ё кори омӯзгор ва хонандагон дар раванди дарс. Таҳсилоти ибтидоӣ, синфҳои ибтидоии камнуфус. Вазъи таълиму тарбия дар синфҳои камнуфус.

**Мавзуи 3.4 (4 соат). Муасисаҳои таҳсилоти иловагӣ**

Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, Низомномаи таҳсилоти иловагии кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи намунавии муассисахои тахсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии соҳаи маориф. Барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои таълимию тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои пешқадам. Ҷадвали машғулиятҳо. Шумора ва давомнокии машғулиятҳои

ҳаррӯза. Оинномаи муассисаи таҳсилоти иловагӣ. Мақсаду вазифаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаи таҳсилоти иловагӣ. Иҷрои кору хизматрасонии муассисахои тахсилоти иловагӣ. Воридот аз иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо. Омодасозӣ, такмили ихтисос ва бозомузии пулакии кадрҳо ва муассисаҳои давлатии таҳсилоти иловагӣ.

**Мавзуи 3.5 (2соат). Шаклҳои асосии сарварӣ**

Фарқиятҳои байни менеҷер ва сарвар. Усулҳои роҳбарӣ ва навъҳои рафтори кормандон. Тарзҳои асосии сарварӣ. Муайян намудани дараҷаи тайёрии коргарон. Фаъолияти таълимгоҳҳо. Роҳҳои самарабахши банақшагирӣ. Усулҳои таҳлили вазъи кунунии муассисаи таълимӣ. Таъсири омилҳои беруна ба муассисаи таълимӣ. Истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва молиявӣ.

**Мавзуи 3.6 (4 соат). Нақши сарвари муассисаи таълимӣ дар ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ (такмили малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ ва дигар чорабиниҳо дар ҳамкорӣ бо китобдор, омӯзгор ва волидон).**

Нақши сарвари муассисаи таълимӣ дар ташкили чорабиниҳои беруназсинфӣ. Чорабиниҳои тарғиби китоб, оммавии беруназсинфӣ ва ғ. Ҳамкории мактаб ва оила дар ташаккули шавқу ҳаваси хонандагон ба хондани китоб. Чорабиниҳои беруназсинфӣ бо иштироки хонандагон ва падару модарон. Банақшагирии ҳафтаи китоб дар синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ. Намоиши китоб.

**Мавзуи 3.7 (4 соат). Фаъолияти мунтазами хадамоти методии муассисаи таълимӣ**

Хадамоти методии муассисаи таълимӣ. Сохтори иттиҳодияи Хадамоти методии муассисаи таълимӣ.

**Мавзуи 3.8. (4 соат) Омӯзишу таҳлили фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар бораи дарёфт, омӯзиш, ҷамъбаст, тарғиб ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ**

Шиносой бо дастурҳои методӣ. Таҳлилу омӯзишу баррасии таҷрибаи пешқадам аз ҷониби роҳбарони муассисаҳои таълимӣ. Баррасии таҷрибаи муаллимони эҷодкору навовар. Мақсади асосии омӯзишу ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Талаботҳои таҷрибаи пешқадами педагогӣ.

**Мавзуи 3.9. (2 соат) Назорати фаъолияти омӯзгорону китобдорони муассиса ҳамчун ҷузъи муҳими фаъолияти директор**

Вазифа, уҳдадорӣ ва ваколатҳои китобдор ва омӯзгорони муассисаи таълимӣ. Фаъолияти омӯзгорону китобдорон ва нақши онҳо дар баланд гардидани сифати таҳсилот. Роҳҳои назорати фаъолияти омӯзгорону китобдорони муассисаи таълимӣ. Роҳу воситаҳои беҳтар намудани фаъолияти китобдор ва омӯзгор дар муассисаи таълимӣ. Саҳми китобдор ва омӯзгори муассисаи таълимӣ дар рушди малакаҳои хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ. Роҳҳои таъмини ҳамкории самараноки китобдор ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ.

## Адабиёт


1. Беляков С. А. «Финансирование системы образования», М.: МАКС Пресс, 2006.
2. Большаков Н.С. Необходимость совершенствования бюджетной системы. // Финансы 2002. -7, с.19-20.
3. Бутаков Д.Д. Реформирование бюджетных систем: опыт Восточной Европы. //Финансы 2002. -9, с.19-21.
4. Быстряков А. Я. «Государственные и муниципальные финансы», М.: 2007.
5. Дастури тавсиявӣ (замима ба маҷмӯи маводи методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ). Душанбе. 2018.
6. Долгосрочная стратегия реформы системы образования Республики Таджикистан (2004-2015 г.г.)
7. Загородников С. В. Финансы и кредит: учеб. пособие / С.В Загородников. – 2-е изд., Москва: Издательство «Омега–Л», 2008.
8. Закон «О финансовом контроле в Республике Таджикистан».
9. Закон Республики Таджикистан «О государственных закупках товаров, работ и услуг» от 3 марта 2006 года № 168.
10. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан» 2 декабря 2002 года.
11. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан». 22 декабря 2002 года.
12. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» 17 мая 2004 года.
13. Инструкция по ведению бухгалтерского учета в бюджетных организациях (Утверждена приказом Министерства финансов РТ от 26 декабря 2000 года, № 157)
14. Инструкция по порядку и исчисления заработной платы учителей общеобразовательных учреждений.
15. Концепция национального образования Республики Таджикистан
16. М. Азизова, Ф.Олимова, Т. Каримов, М. Раҷабов. Дастур барои роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорони

синфҳои ибтидоӣ оид ба ташаккули малакаҳои хониш (барои роҳбаладон). Душанбе. 2018.
17. М.Зиёев, З.Раҷабов, Ф.Олимова. Маводи методӣ оид ба тақвияти салоҳияти хониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ (барои омӯзгорон). Душанбе. 2019.
18. Методические указания по инвентаризации имущества и финансовых обязательств (приказ Министерства финансов РТ от 22.05.97г. № 45).
19. Методические указания побухгалтерскому учету финансовой аренды /лизингу/, Приказ № 87 Министерства финансов РТ от 2 июля 2004 года.
20. Н.Қодиров, М.Раҷабов, З.Раҷабов, М.Зиёев. Маводи омӯзишӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба тақвияти чорабиниҳо барои беҳтар намудани малакаҳои хониш дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе. 2019.
21. Налоговый кодекс Республики Таджикистан в редакции 2004 года.
22. Попова М.И. Бюджетная политика в системе управления социальной сферой. - М.: РАГС, 1999.
23. Постановление Правительства РТ «О Типовом положении общеобразовательного учреждения Республики Таджикистан».
24. Постановление Правительства РТ «Об оплате расходов служебных командировок» от 28 февраля 2003 года № 73.
25. Постановление Правительства РТ «Об утверждении Правил нормативного(подушевого) финансирования общеобразовательных учреждений» от 1 октября 2007 года, №505.
26. Постановление правительства РТ за № 350 от 30.06 2007 года «Об этапах перевода общеобразовательных учреждений на новые формы управления и финансирования».
27. Постановление правительства РТ за № 441 от 01.11 2004 года «О переводе общеобразовательных учреждений города Куляба и Яванского района Хатлонской области, города Худжанд Согдийской области, города Хорог Гороно-Бадахшанской автономной области и города Вахдат на новые формы управления и финансирования».

28. Постановление правительства РТ за № 502 от 01.11 2006 года «О переводе некоторых общеобразовательных учреждений на новые формы управления и финансирования».
29. Постановление Правительства РТ от 22 июня 1996 года. № 277 «Об утв. Положения об условиях предоставления длительного оплачиваемого сроком до одного года педагогическим работникам, имеющим хроническое заболевание».
30. Постановление Правительства РТот 2 июля 2008 года, №292 «О мерах по реализации Указа Президента Республики Таджикистан от 20 июня 2008 года, №480».
31. Постановление Правительства РТот 3 апреля 2007 года, №131 «О мерах по реализации Указа Президента Республики Таджикистан от 16 марта 2007 года, №219».
32. Поташник М.М., Лазарев В.С., Управление развитием школы, Новая школа, Москва, 1995 г.
33. Приказ Министра образования РТот 1 августа 2008 года, №1416 «О мерах по реализации Указа Президента Республики Таджикистан от 20 июня 2008 года, №480».
34. Приказ Министра финансов РТ от 28 декабря 2004 года, №159 «Об утверждении Бюджетной классификации доходов и расходов Республики Таджикистан».
35. Приказ Министра финансов РТ от 29 декабря 2004 года, №161 «Об утверждении единой сметы доходов и расходов».
36. Сазонов С. П. Проблема казначейского исполнения бюджета. //Финансы. 2002.-5 с. 6-8.
37. Совместное письмо Министерство труда и социальной защиты населения, Министерство образования и Министерство финансов об увеличение недельной учебной нагрузки руководителям и учителям общеобразовательных учреждений
38. Типовая инструкция о порядке списания основных средств, пришедших в негодность. Приказ № 38 Министерства Финансов РТ от 5 октября 2004 года.
39. Трудовой кодекс в редакции от 3 мая 2002 года.
40. Указ Президента Республики Таджикистан «О мерах по усилению уровня социальной защищённости населения, увеличению действующих должностных окладов работников бюджетных учреждений, организаций,

размеров пенсий и стипендий» от 20 июня 2008 года, №480.
41. Указ Президента Республики Таджикистан «Об увеличении должностных окладов работников бюджетных учреждений и организаций и размеров социальной пенсии» от 16 марта 2007 года, №219.
42. Финансирование школьного образования в Российской Федерации: опыт и проблемы-М.: «Алекс», 2004.
43. Финансирование школьного образования в Российской Федерации: опыт и проблемы-М.: «Алекс», 2004.
44. Финансы: учеб. – 2-е изд., перераб. и доп. / под ред. В.В. Ковалева.-М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004.

Адабиёт

[1]. Бобоев Ҳ. Омилҳои муайянкунандаи сифати таҳсилот бояд фаъол бошанд. «Маорифи Тоҷикистон». Душанбе, 2007.- №7.- С. 48-60.

[2]. Бобоев Ҳ. Такмили ихтисос- зинаи ҳатмии таҳсилот. «Маорифи Тоҷикистон». Душанбе, 2007.- 9.-С. 28-40.

[3]. Доираи салоҳиятҳои омӯзгор. Душанбе, 2019. - 19 с.

[4]. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2003.

[5]. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе.2006.

[6]. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2003.

[7]. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.

[1]. Кайзер Ф.Й., Камински Х. Методика преподавания экономических дисциплин. Москва, 2007. -182 с.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 2017.

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе, 2013. - 41 с.

[11]. Қодиров Ш. Идоракунии давлатию ҷамъиятии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: - 212. - 143 с.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”. 2012.-№4

[13] Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: – 2018.

[14]. Намозов Ҷ.А. Роҳҳои идоракунии давлатию ҷамъиятии мактаб дар соҳаи маориф// Ҷ.А. Намозов.-Душанбе:Матбаа,2018.-79 с.

[15]. Намозов Ҷ. А., Хоников Ш. М. Ташаккул ва рушди маҳорати роҳбарӣ дар муассисаҳои таълимӣ// Ҷ.А.Намозов, Ш.М.Хоников.-Душанбе: Матбаа, 2021.-87 с.

[16]. Намозов Ҷ. А., Хоников Ш.М. Фарҳанги идоракунӣ ва роҳбарӣ дар муассисаҳои таълимӣ// Ҷ.А Намозов., Ш.М.Хоников.-Душанбе:Матбаа,2021.-50 с.

[17]. Намозов Ҷ. А. Асосҳои назариявии демократикунонии низоми идоракунӣ дар шароити ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (монография). -Душанбе:Матбаа,2022.-188 с.

[18]. Нематуллоев М. М. Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат:Автореф.дис. ... ном. илмҳои пед./ М.М.Нематуллоев.-Душанбе, 2023.- 56 с.

[19].Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Роҳбаладӣ ва дастгирии методии омӯзгорон. Дастури методӣ. Душанбе, 2010.

[20]. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури методӣ. Зери таҳрири Сафин Д.В. ва Мусина Р.Г. Душанбе, 2006.

[21]. Шарифов З, Ветров В.И, Катаева З.А. Концепция развития финансирования сферы образования РТ. Труды ТУТ. Выпуск Х, Душанбе. Ирфон, 2004.

[22]. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. Вазифаҳои (намунавии) хизматии роҳбарон, омӯзгорон, кормандони педагогӣ, техникӣ ва хизматгузорони муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, иловагӣ ва таълимӣ – методӣ. Душанбе – 2009.

[23]. Искандаров Ҳ. Ҳуҷҷатҳо ва назорат. Душанбе – 2009.

[24]. Искандаров Ҳ., Ниёзмамадова Н. «Хадамоти мониторинг, таҳсилоти иловагии кӯдакон ва шаклҳои нави интихоби касбу ҳунар дар мактаб». Душанбе, 2009.

[25]. Менеҷмент ва сарварӣ дар соҳаи маориф. Душанбе, 2011.

[26]. Менеҷменти молиявӣ. Душанбе, 2011.

[27]. Ҳуҷҷатгузорӣ дар кабинети методии шуъбаи маориф. Маҷаллаи «Масъалаҳои маориф». 2010.- № 1.- С.61-64

[28]. Муҳиддинов Қутбиддин. Банақшагирии раванди таълиму тарбия. Душанбе – 2010.

[29]. Муҳиддинов Қ., Зиёев М., Шодиева З.- Роҳнамои методӣ. Душанбе 2012.

[30]. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [манбаи электронӣ]. URL: **https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/%D0%A1%D0%A2%D0%A0%D0%90%D0%A2%D0%95%D0%93%D0%98%D0%AF%D2%B2%D0%9E/b1f1813e0654f705a506e718fd627bc8.pdf** (санаи муроҷиат: 28.09.2023).

[31]. Таҳсилоти давомноки босифат ва фарогир барои ҳамаи кӯдакон. Душанбе, 2021. -13 с.

[32]. Ҳуҷчатҳои меъёрӣ ва дастурӣ дар бораи муассис, аттестатсия, литсензия, аккредитатсия ва ғ. Душанбе, - 2003.

[33]. Ҳасанов С. Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми миллии таҳсилот. «Маърифати омӯзгор». Душанбе, 2020. - №11. - С.11.14.

Ба матбаа ________ супорида шуд.
Ба чоп ____________ иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ ____
Теъдод ___________ нусха.